*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013*
*назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес*
*ва сиёсати Тоҷикистон*

**ТАҚРИЗИ**

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан дар мавзуи “Такомули механизми танзими макроиқтисодии рушди тараққиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (назария, методология ва амалия)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Тараққиёти иқтисодиёти миллӣ аз гузаронидани сиёсати давлатии ислоҳот оид ба ташаккулёбии низоми бозории иқтисодиёт дар минтақаҳо вобаста буда, зарурати танзими ҷараёнҳо ва ҳодисаҳое, ки дар хоҷагии минтақавӣ рӯй медиҳанд, ба миён меоварад. Ин ба воситаи механизми танзими макроиқтисодии рушди минтақаҳо ва ҳудудҳои маъмурии он дар асоси истифодаи принсипҳои самаранокӣ ва оқилона ҳаллу фасл меёбад.

Дар назарияи иқтисодӣ механизми танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳоро ҳамчун низоми усулҳои интегрирони мешуморанд ва ба воситаи онҳо давлат таъсироти худро ба иқтисодиёт амалӣ менамояд. Бинобар ҳамин, дар марҳилаи муосири инкишофи низоми бозории мамлакат, муайян намудани дараҷаи дахолати мақомотҳои давлатӣ ба ҷараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ ва коркарди чораҳои тараққиёти ҳудудиро дар сатҳи давлатӣ тақозо менамояд, муаммои муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, мақсади тадқиқот дар такомули асосҳои назариявию методологии ҷараёни ташаккулёбии механизми танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳо зоҳир гардида, дар принсипҳои интихобӣ ва таъинотии таъсири давлатӣ ба хоҷагии минтақавӣ, имкониятҳои баробар намудани сатҳи тараққиёти онҳо, дар асоси истифодаи самараноки захираҳои бойи табиӣ бо риоя намудани талаботҳо, коркарди пешниҳодҳо доир ба такомули усулҳо ва фишангҳо, истифодаи комплексии онҳо дар ҷараёни танзими тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ва ҳудудҳои маъмурии онҳо ифода меёбад.

Зарурат ва тарзи ба миён гузоштани масъалаи назариявӣ-методологӣ оид ба ташаккулёбии механизми танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳо ва истифодаи самараноки онҳо дар ҷараёни таъсири давлатӣ ба бахши иқтисодӣ-экологии хоҷагии минтақавӣ ва ҳудудҳои маъмурии онҳо бори аввал буда, навгонии илмии тадқиқотии диссертатсияро нишон медиҳад.

Муаллиф мазмуни назариявии мафҳумҳои “механизми танзими макроиқтисодӣ”, “идоракунӣ” ва “танзимкунӣ”-ро саҳеҳ намуда, доираи

истифодаи онҳоро дар шароити тағйирёбандаи рушди устувор, бо назардошти хусусияти гузариши мамлакат ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ, ки бо ичроиши вазифаҳои сифатан нави минтақаҳо ва ҳудудҳои маъмурии онҳо алоқаманд мебошад, дақиқ кардааст. Хусусиятҳои дахолати давлат ба чараёнҳои дар низоми ичтимоӣ-иқтисодӣ бамиёномадаро муайян карда, мафҳуми назариявии “хочагии минтақавӣ”-ро аниқ намудааст. Дуруст аст, ки муаллиф танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳоро ба воситаи ташаккулёбию такомули механизми иқтисодӣ дар асоси принсипҳои интихобӣ ва ба эътибор гирифтани хислати таъсири давлатӣ ба хочагии минтақавиро истифода бурда, самти афзалиятноки рушди онҳоро дар миқёси мамлакат муайян намудааст.

Масъалаи муайян намудани марҳилаҳои ташаккулёбии механизми танзими давлатии иқтисодиёти минтақавӣ бисёр муҳим буда, зарурати коркарди консепсияи рушди хочагии минтақавиро бо назардошти тамоюли муосир дар соҳаи иттилоотикунонӣ ва технологияҳои инноватсионӣ талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, ба стратегияҳо ва барномаҳои аниқ, ки такомули фишангҳою вазифаҳои механизми танзими тараққиёти ичтимоӣ-иқтисодии минтақаҳоро дарбар гирифта, истифодаи онҳо ба баландшавии сатҳи мақсаднокии механизм, алоқаҳои низоми сохтории субъектони идоракунӣ дар чараёни қабул ва амалигардонии қарорҳои идоракунӣ мусоидат менамоянд, диққати асосӣ додан лозим аст.

Зарурати баланд намудани самаранокии фаъолияти хочагии минтақавӣ дар муҳити иқтисодии мамлакат бо хусусиятҳои табиию иқтисодӣ ва таърихии минтақаҳо вобаста мебошад. Дар ин чода, механизми бозорӣ, ки мавқеи марказиро дар низоми танзими макроиқтисодӣ ишғол менамояд, аҳамияти махсус пайдо карда, муносибати байни субъектони минтақавӣ оид ба истеҳсолу пешниҳоди молӣ ва эҳтиёчоти пардохтпазир дар бозор бо истифодаи оптималии иқтидори табиӣ-захиравӣ, ҳолати экологӣ, ки сабаби баландшавии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ мебошад, муайян менамояд.

Дар замони муосир барои баробар намудани сатҳи тараққиёти минтақаҳо ва ҳудудҳои маъмурӣ шароит ва имкониятҳои зарурирo фароҳам оварда, масъалаи коҳиш додани фарқият байни онҳо тавассути шомил намудани аҳолӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ва бизнеси хурду миёна бо чалби инвеститсияҳо, ки аз омилҳои инфрасохторӣ вобастагӣ дорад, зарур арзёбӣ гардидааст. Дар диссертатсия зарурати коркарди барномаи дурнамои тараққиёти ичтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд, ки дар он биниши мушкилот ва ҳалли онҳо ба воситаи амалигардонии ислоҳоти ҳаматарафа мутобиқи индикаторҳои байналмилалии “Ҳадафҳои рушди ҳазорсола” асоснок карда шудааст.

Дар ҷараёни коркарди сиёсати минтақавӣ ба таҳияи маҷмӯи чораҳо оид ба амалигардонии сиёсати минтақавӣ аз ҳисоби таъминоти мутаносибӣ ва мувозинатии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ диққати асосӣ дода, фаъол гардонидани мақомоти идоракунии давлатӣ ва субъектони хоҷагии минтақавӣ, гузаронидани дигаргуниҳои сохторие, ки ба талаботи экологии назарияи тараққиёти устувори минтақаҳои мамлакат мувофиқ аст, аҳамият пайдо менамояд.

**Хулоса:** Диссертатсияи доктории Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан дар мавзуи “Такомули механизми танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (назария, методология ва амалия)” таҳқиқоти мукаммал ва баанҷомрасида буда, он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ҷавобгӯ аст ва барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда мешавад.

**Мушовири илмӣ, д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Бойматов А.А.**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпочоев И.Ҳ.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, микроноҳияи 17, бинои 1.
Телефон: +992 (3422) 2-28-11
E-mail: Info@tsulbp.tj

30.03.2022